**08 00 05 ЭКОНОМИКА И УПРАВЛЕНИЕ НАРОДНЫМ ХОЗЯЙСТВОМ (РЕГИОНАЛЬНАЯ ЭКОНОМИКА)**

**08 00 05 ECONOMICS AND MANAGEMENT WITH NATIONAL ECONOMY (REGIONAL ECONOMY)**

***УДК 330***
***ББК 65-551***

# ТАДБИРҲОИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР МИНТАҚАҲО

***Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна,*** *докторанти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)*

# МЕРЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ В РЕГИОНАХ

***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна,*** *докторант Таджикского национального университета (Таджикистан, Душанбе)*

# MEASURES OF STATE REGULATION IN REGARD TO INNOVATIONAL POLICY IN THE REGIONS

***Askarova, Sanavbarkhon Sultonkhodjayevna,*** *Doctoral Student of the Tajik National University (Tajikistan, Dushanbe)*
***E-MAIL:*** *sanam85@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *сиёсати инноватсионӣ, танзими сиёсати инноватсионӣ, дастгирии давлатӣ, фаъолнокии инноватсионӣ, низоми инноватсионии минтақавӣ, муҳити инноватсионӣ*

*Масъалаи танзими раванди ташаккул ва инкишофи истеҳсолоти инноватсионӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд шудааст, ки механизмҳои бозорӣ ба сари худ пайдошавии инноватсияҳоро дар корхонаҳо ҳавасманд гардонида наметавонанд, бинобар ин сиёсати инноватсионӣ ҳатман бояд самти афзалиятноки амалигардонии танзими давлатии ҳам иқтисодиёт ва ҳам сиёсати минтақаи мушаххас гардад. Таъкид гардидааст, ки дастгирии давлатӣ яке аз самтҳои муҳимтарини амалигардонии танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар сатҳи минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Таърифи мафҳумҳои асосии танзими давлатии фаъолнокии инноватсионии минтақавӣ, аз ҷумла “фаъолнокии инноватсионӣ” ва “танзими давлатӣ” пешниҳод шудааст. Ташаккул ва рушди низомҳои инноватсионии минтақавӣ пайгирӣ шудааст. Хулоса шудааст, ки сиёсати инноватсионии минтақавӣ, самарабахшӣ ва бомуваффақиятии он мустақиман ба муҳити инноватсионии минтақа умуман ва вазъияти умумии иқтисодӣ хусусан таъсир мерасонанд.*

***Ключевые слова:*** *инновационная политика, регулирование инновационной политики, государственная поддержка, инновационная активность, региональная инновационная система, инновационный климат*

*Анализируется проблема регулирования процесса становления и развития инновационного производства в регионах Республики Таджикистан. Отмечается, что сами по себе рыночные механизмы не способны стимулировать возникновение инноваций на предприятиях, поэтому инновационная политика обязательно должна стать*

*приоритетным направлением осуществления государственного регулирования. Подчеркивается, что одним из важнейших направлений осуществления государственного регулирования инновационной деятельности на уровне регионов выступает государственная поддержка. Дано определение основных понятий государственного регулирования региональной инновационной активности, таких как «инновационная активность», «государственное регулирование». Прослеживается формирование и развитие региональных инновационных систем. Делается вывод, что инновационная региональная политика, ее продуктивность и успешность напрямую влияют на инновационный климат региона в целом и общую экономическую ситуацию в частности.*

***Key-words:*** *innovational policy, regulation of innovational policy, state support, innovative activeness, regional innovational system, innovational climate*

*The article is an analysis of the problem concerned with a regulation of the process of formation and development in relation to innovational production in Tajikistan Republic regions. It is underscored that market mechanisms by themselves are unable to stimulate emergence of innovations at enterprises, therefore, innovational policy should by all means become a priority streamline implemented by state regulation. It is stressed that one of the mostly important realizations of state regulation as to innovative activity at the level of regions is associated with state support. The author gives definitions to the basic notions of state regulation of regional innovative activeness, such as "innovative activeness", "state regulation". Formation and development of regional innovational systems are traced. The conclusion is made that innovational regional policy, its productivity and successfulness exercise a direct influence upon an innovational climate of the region all in all and general economy situation, in particular.*

Масъалаи танзими ташаккули инноватсионӣ ва рушди истеҳсолоти инноватсионӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира хусусияти хеле тезу тунд касб кардааст, зеро механизмҳои бозорӣ ба сари худ пайдошавии инноватсияҳоро дар корхонаҳо ҳавасманд гардонида наметавонанд. Ғайр аз ин дар як қатор мавридҳо, ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар корхонаҳо ва истеҳсолоти азими минтақа хароҷоти иловагию назаррас ва махсусро тақозо мекунанд, ки рӯйпӯш кардани онҳо чи аз ҳисоби захираҳои худии корхонаҳо ва чи минтақа кори мураккаб аст. Дар баъзе мавридҳо ба корхонаи азим нисбат ба азнавсозӣ намудани истеҳсолоти калон, кушодани бизнес-ширкати фаръӣ, ҳамчунин ташкил кардани коргоҳи на он қадар калони инноватсионӣ осонтар аст. Дар иртибот бо ин гуфтаҳо сиёсати инноватсионӣ ҳатман бояд самти афзалиятноки амалигардонии танзими давлатии ҳам иқтисодиёт ва ҳам сиёсати минтақаи мушаххас гардад. Ин гуфтаҳо махсусан дар соҳаи ташаккул ва рушди минбаъдаи инноватсияҳо дар корхонаҳои калони истеҳсолии минтақа сидқи бештар доранд.

Дастгирии давлатӣ яке аз самтҳои муҳимтарини амалигардонии танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар сатҳи минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Тибқи моддаи 13, б.1, 2, 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" аз 29 марти соли 2012, №296(1) дастгирии давлатии фаъолияти инноватсиониро мақомоти давлатӣ дар шаклҳои зерин амалӣ мегардонанд: сармоягузорӣ ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти нав ё такмилдода, технологияи нав ё такмилдода, ки барои татбиқи амалӣ пешбинӣ шудаанд ва ғайра. Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ ба мӯҳлати хароҷотбарории лоиҳаи инноватсионӣ, вале на

бештар аз панҷ сол аз лаҳзаи татбиқи амалии он таъмин мегардад. Дастгирии давлатии азхудкунӣ ва интишори маҳсулоти инноватсионӣ ба мӯҳлати муқarrаргардидаи вақт пешниҳод мешавад ва дар тӯли ҳамин мӯҳлат он инноватсионӣ ба шумор меравад (1). Тибқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ” ҳам мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ ва ҳам минтақавӣ, ҳамчунин ташкилотҳои дахлдор, ки амалӣ гардонидани дастгирӣ бевосита тавассути онҳо бо тарзҳои пешбинӣ намудаи қонунгузорӣ имконпазир аст, ба сифати субъекти дастгирии давлатии раванди инноватсионӣ баромад карда метавонанд.

Ба сифати объекти дастгирии давлатӣ чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ-иқтисодӣ баромад мекунанд, ки байни иштирокдорони лоиҳаи муайяни инноватсионии минтақавӣ (ташкилот, корхона, бизнес-сохтор, донишгоҳ, баъзе муассисаҳои илмӣ), ҳамчунин он мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки онро дастгирӣ мекунанд, баромад менамоянд.

Баррасии масоили танзими давлатии фаъолнокии минтақавии инноватсионӣ мушаххас намудани моҳияти чунин мафҳумҳои асосӣ, аз қабили “фаъолнокии инноватсионӣ”, “танзими давлатӣ”-ро пешбинӣ мекунад, зеро дар марҳилаи ҳозира дар илми иқтисодиёт оид ба фаҳмиши моҳияти истилоҳоти мазкур якчанд нуқтаи назарҳо мавҷуд аст.

***Ҷадвали 1.***

| Муаллифон | Таъриф |
|---|---|
| **Муносибати 1** | |
| **Переходов В.Н.** Основы управления инновационной деятельностью. -М.: ИНФРА-М, 2011.(2, с.90) | Танзими давлатиро ба сифати механизми амалигардонии сиёсати иқтисодии давлатӣ муайян мекунанд, ки назария ва амалияи махсуси иҷроиш дорад |
| **Гаврилов С.** Инновации: польза и риски // Директор информационной службы. 2010. №11.(2, с.29) | Танзими давлатӣ аз тадбирҳои иқтисодии гуногуннамуд, ҳамчунин танзимкунандагон барои амалигардонии таъсири самтноки давлат бевосита ба иқтисодиёти мамлакат иборат аст |
| **Басов А.И.** Инновации – главное направление инвестиционного процесса // Финансы и кредит. 2006. №5. (4, с. 28-29) | Таҳти танзими давлатӣ аксаран низом ё маҷмӯаи методҳои ба ҳам алоқаманд ва меҳварҳои иқтисодию сиёсии давлатро фаҳмидан лозим аст, ки ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла ҳам ба истеҳсолот ва тақсимоту мубодилаи минбаъда, ҳамчунин истеъмоли маҳсулоти истеҳсолшуда, таъсир мерасонад |
| **Кокурин Д.И.** Инновационный менеджмент: учеб. пособие / под ред. Л.Н.Оголевой. - М.: ИНФРА-М, 2013.(5, с.89) | Танзими давлатии равандҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёт ин таъсири ҳадафманди ҳокимияти мақомоти иҷроияи давлатӣ бевосита ба манфиатҳои институтҳои иқтисодии низоми инноватсионӣ мебошад |
| **Муносибати 2** | |
| **Мельников О.Н.** Инновационная активность | Ин фаъолияти ба худ хоси “созандаи” истеҳсолкунандагони мол (хизмат) мебошад, ки дар ноил |

| | |
|---|---|
| как фактор повышения конкурентоспособности предприятия/ О.Н.Мельников, В.Н.Шувалов // Рос. предпринимательство. - 2012. №9(69). 6, с.100. | гардидан ба навгониҳои нишондиҳандаҳои техникӣ-технологӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, идоракунӣ, иҷтимоӣ, психологӣ ва нишондиҳандаҳои дигари раванду молҳои (хизматҳои) ба бозор пешниҳодгарданда, ки мутахассисон дар вақти рақобатпазир истеҳсол мекунанд, ифода меёбад |
| **Баранчеев В.П.** Управление инновациями / В.П.Баранчеев, Н.П.Масленникова, В.М.Мишин. М.: ИД «Юрайт», 2011. (7, с.56) | Фаъолнокии инноватсионӣ мушаххасаи ҷамъбастии фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ки таъсирпазирии корхонаи муайянро ба навгонӣ, ҳамчунин сатҳи интенсивияти амалҳои татбиқшавандаро нисбат ба дигаргуншавии инноватсияҳо, саривақтии онҳо, қобилияти сафарбаркунии иқтидори теъдод ва сифати зарурӣ, қобилияти таъмини асоснокии методҳои дар ин маврид истифодашаванда, ҳамчунин мақбулияти технологияи тамоми раванди инноватсиониро ҳам аз лиҳози таркиб ва ҳам аз рӯи пайдарпайии амалиёт дар бар мегирад |
| **Сaванович С.В.** Проблема повышения инновационной активности российских предприятий // Московский авиационный институт. Науч-практич. интернет-конференция «Социокультурные факторы инновационного развития организации» 17 нояб. 2009 г. [8] | Фаъолнокии инноватсионӣ интенсивияти фаъолияти ягон субъектро оид ба коркард ва минбаъд ба гардиши хоҷагидории корхона ҷорӣ намудани технология ё маҳсулоти нав ё такмилдодашударо ифода мекунад |

Дар асоси таърифи охирон маълум мегардад, ки дастгирии давлат дар ташаккули фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои минтақавӣ ҳамон вақт нисбатан натиҷабахш мегардад, ки агар ба туфайли он ба сикли истеҳсолӣ ё гардиши хоҷагидории корхонаи алоҳида технологияҳои нав бомуваффақият ҷорӣ карда шаванд ё вақте ки корхона ба истеҳсоли намуди усулан нав ё такмилдодаи маҳсулот сар мекунад.

Таҳлили адабиёти махсус оид ба ин масъала нишон дод, ки дар марҳилаи муосир, интишороти сершуморе мавҷуданд, ки дар онҳо махсусияти тадқиқи дастгирии давлатии рушди инноватсионии минтақаҳои давлатҳои мухталиф мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Аммо меъёрҳою усулҳои умумии арзёбии бомуваффақиятии чунин равандҳо то ҳол муайян карда нашудаанд. Дар ҳоли ҳозир сиёсати инноватсионии минтақавӣ набояд бо амалҳои алоҳидаи ёрии давлатӣ, бо роҳи воридсозии яккаратаи воситаҳои буҷетӣ (масалан, озмунҳо, грантҳо ва ғайра) маҳдуд гардад.

Возеҳ аст, ки дар минтақаҳо интихоби самтҳои афзалиятноки амалигардонии дастгирии инноватсионӣ аз ҳам фарқ мекунад, зеро аксарияти минтақаҳо ҳам аз лиҳози вазъияти ҷуғрофӣ ва ҳам аз нуқтаи назари рушди таърихию иқтисодӣ ихтилоф доранд ва бинобар ин,

аз рӯи мундарича ва сохтори соҳавии бахши истеҳсолии худ низ байни онҳо тафриқаҳо ба назар мерасанд. Аломатҳои дақиқи стратегӣ, ҳамчунин вектори дарозмуддати рушд заруранд. Вобаста ба ин, субъектҳои идоракунӣ дар минтақаҳо барои амалигардонии дастгирии инноватсияҳо истеҳсолоту корхонаҳои гуногунро интихоб мекунанд.

Бидуни ташаккул ва рушди минбаъдаи низоми инноватсионии минтақавӣ гузаштани мамлакат ба тараққии инноватсионии иқтисодиёт аз эҳтимол дур аст. Дар намуди аз ҳама сода, алгоритми аз консепсияи стандартии низоми инноватсионии минтақа бароянда иқдомҳои зеринро дар бар мегирад.

***Ҷадвали 2.*** *Алгоритми консепсияи стандартии низоми инноватсионии минтақа*

| Амал | Ичро |
|---|---|
| **қабули** | мачмӯи тадбирҳо зарур аст, ки ба афзоиши фаъолонаи миқдори муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ ва институтҳои тадқиқотӣ (ба ном провайдерҳои дониш – технологияҳои нав, дар шароити муосир тадқиқоти илмии ояндадор ва ғайра заруранд), ҳамчунин компанияҳои донишгоҳӣ заруранд, ки ба зич алоқаманд кардани ширкатҳои маҳаллӣ ба манбаъҳои берунаи дониш мусоидат мекунанд |
| **чалби** | захираҳои баландихтисоси меҳнатӣ ба минтақаҳои алоҳида ва ҳавасмандгардонии фаъолона ва такмили ихтисоси касбии кормандон |
| **ташаккули** | шабакаҳои бизнес-инкубаторҳо (ташкилотҳое, ки бо дастгирии стартап – лоиҳаҳои соҳибкорони ҷавон дар ҳамаи марҳилаҳои инкишоф машғул мешаванд: аз коркарди ғоя то тиҷоратгардонии он) бо мақсади дастгирии оғози кори ё ифтитоҳи компанияҳои инноватсионӣ |
| **таъсис кардан** | ва/ё маблағгузории дарозмуддати фаъолияти инноватсионии ташкилоти тадқиқотӣ, ки онҳо мунтазам кластерҳои саноатии минтақавӣ, технологияҳо ва бозорҳоро пайгирӣ мекунанд |
| **ташаккул** | додани механизмҳои самараноки амалкард, низоми ҳамкории мутақобила ва алоқаи мутақобилаи муносибатҳо байни компанияҳои инноватсионии минтақавӣ, ҳамчунин ташкилотҳои тадқиқотӣ ва як қатор муассисаҳои давлатӣ; |
| **таъмини** | тамосҳои зичи дохили бизнес-гузидагони маҳаллӣ, ташаккул ва инкишофи минбаъдаи ташкилотҳои шабакавии ҳам расмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ:<br>-ворид гардидани динамикии сармояи венчурӣ ба минтақаи муайян (зимнан дар марҳилаҳои ибтидоии маблағгузорӣ – ташкили шабакаҳои ба ном “бизнес-фариштаҳо” – сармоягузорони хусусии венчурӣ, ки дастгирии молиявӣ ва коршиносии компанияҳоро дар марҳилаи ибтидоии рушди онҳо таъмин мекунад). |

***Ҷадвали 3.****Вазифаҳои дар назди сиёсати инноватсионии минтақавӣ гузошта*

| Амал | Самти мақсаднок |
|---|---|
| муқаррар ва амалӣ кардани | афзалиятҳои сиёсати инноватсионӣ, ҳамчунин лоиҳаю корхонаҳои алҳол самараноки инноватсионӣ |
| коркард ва татбиқи минбаъдаи | низоми тадбирҳо, ки ба рушди самаранок ва истифодаи иқтидори инноватсионӣ, ҳамчунин инфрасохтори инноватсионӣ, ба вуҷуд овардани технологияҳои илмталаб нигаронида шудаанд ва дар натиҷа истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазир |
| амалигардонии | тадбирҳои пурахамият оид ба дастгирии пешбурди маҳсулоти нав дар бозори беруна, аз ҷумла дастгирии содироти маҳсулоти нав ва/ё равандҳои нави технологӣ, ки истеҳсолкунандагони ватанӣ ба вуҷуд овардаанд ё ташаккул додаанд |
| мусоидати фаъолона | ҳам ба ташкил ва ҳам ҷорӣ намудани навгониҳо, ҳамчунин дастовардҳои усулан нав дар соҳаи маориф, нигаҳдории тандурустӣ, хоҷагии манзилу коммуналӣ, фарҳанг, низоми ташкил ва идоракунии иқтисодиёт |
| таъмини | ҳамкории мутақобилаи зарурии илм, маориф, ҳамчунин истеҳсолоту соҳаи молиявӣ ба мақсади рушди фаъолияти инноватсионӣ |
| тақвияти ҳатмии | дастгирии давлатии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди фаъолияти инноватсионӣ тавассути муқаррар намудани тартибу механизми пешгӯӣ, барномарезӣ, ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, сармоягузорӣ, ҳамчунин ташкили мониторинги инноватсияҳо дар ҳамаи соҳаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаи мушаххас |

*Муаллиф тартиб додааст.*

Амалигардонии сиёсати инноватсионии минтақавӣ бояд ба ҳалли масъалаҳои зерин нигаронида шуда бошад:

1) ҳалли вазифаҳои стратегии муосир оид ба рушди иқтисоди истеҳсолии рақобатпазир, ҳамчунин иқтидори илмӣ-техникии рушди минтақа;

2) таъмини рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаи мушаххас.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки сиёсати инноватсионии минтақавӣ, ҳамчунин самарабахшию бомуваффақиятии он мустақиман ба муҳити инноватсионии минтақа умуман ба вазъияти умумии иқтисодӣ хусусан таъсир мерасонад. Дар чунин шароитҳо, ба тадбирҳои танзими давлатӣ, ки динамикаи инноватсионии минтақаҳоро фаъол мегардонанд, нақши махсус ҷудо карда мешавад. Дар ин маврид интихоби самтҳои афзалиятноки бевоситаи дастгирии давлатии инноватсияҳо ба ҳайси яке аз масъалаҳои пешбари рушди сиёсати инноватсионии минтақа баромад мекунад.

Аз ин рӯ, метавон ба хулоса расид, ки ташаккули яке кластерҳои инноватсионии ҳудудӣ, ҳамчунин платформаҳои кушодаи технологӣ ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки дастгирии инноватсияҳо баромад мекунад. Зимнан мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тадбирҳои мухталифи таъсири танзимкунандаро татбиқ менамоянд, ки

онҳоро ба тадбирҳои мустақим ва ғайримустақим ҷудо мекунанд.

Ба тадбирҳои мустақим мансубанд: қарорҳои муайяни маъмурии субъектҳои минтақавӣ дар бобати пешниҳоди дотатсияҳои муайяни молиявӣ ба истеҳсолоти инноватсионӣ, ҳамчунин методҳои барномавӣ-мақсаднок ва стратегияҳои таҳияшавандаи рушд.

Ба методҳои ғайримустақими таъсири давлатӣ ба фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои минтақавӣ тадбирҳои сиёсати андозиро мансуб медонанд, ки онҳо бо камшавӣ ё муваққатан бекор кардани андозҳо, пешниҳоди қарзҳои пулӣ дар шароитҳои имтиёзӣ ба он корхонаҳое, ки маҳсулоти инноватсиониро истеҳсол мекунанд.

Дар ин маврид субъектҳои хоҷагидор ба зиммаи худ масъулияти бевоситаи натиҷаҳои молиявӣ-иқтисодии ҷорӣ намудани инноватсияҳоро мегиранд, зеро қарзҳои пулиро баргардондан зарур аст, гирифтани фоида бошад, натиҷаи мунтазира, чашмдошт аст, на натиҷаи кафолатнок.

Дар натиҷаи таҳлили гузаронида ба хулоса омадан мумкин аст, ки барои дастгирии сиёсати инноватсионии минтақавӣ маҷмӯи тадбирҳои ёрии давлатӣ зарур аст, ки ба онҳо дохил мешаванд:

- тадбирҳои дастгирии маъмурӣ ва ҳуқуқӣ (масалан, барномаҳои дарозмуддат, қарорҳои маъмурӣ, қонунҳои минтақавӣ, тасҳеҳи қонунгузорӣ, грантҳои додашаванда, озмунҳо ва ғайра);
- тадбирҳои дастгирии молиявӣ (инвеститсияҳо, дотатсияҳои бевосита, имтиёзҳои андозӣ ва ғайра);
- тадбирҳои дастгирии ташкилӣ-иқтисодӣ (амалигардонии супоришҳо ва қарордодҳои давлатӣ, ёрӣ ба истеҳсолот дар ташаккули корхонаҳои давлатӣ-хусусӣ дар раванди ҳамгироии бизнес ва давлат ва ғайра);
- тадбирҳое, ки ба инкишофи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-тарҳрезӣ, ҳамчунин такмили инфрасохтори инноватсионии минтақаҳо (масалан, ба меъёрдарории технопаркҳо, кластерҳои инноватсионии истеҳсолӣ, таъсиси платформаҳои технологии кушода, бизнес-инкубаторҳо) нигаронида шудаанд.

**Пайнавишт:**


1. *Закон Республики Таджикистан «Об инновационной деятельности» от 29 марта 2012 года, №296 [Электронный ресурс]. – Режим доступа:* https: medt.tj/documents/main/normativno-pravovie-akti/zakonodatelnie-akti/ru/02565-ru.pdf – *Загл. с экрана. – (дата обращения: 20.02.2021).*
2. *Переходов В.Н. Основы управления инновационной деятельностью [Текст] / В.Н.Переходов. – М.: ИНФРА-М, 2011. – 294с.*
3. *Гаврилов С. Инновации: польза и риски [Текст] / С.Гаврилов // Директор информационной службы. – 2010. - №11. – С.29-30.*
4. *Басов А.И. Инновации – главное направление инвестиционного процесса // Финансы и кредит. – 2006. - №5. - С.28-29.*
5. *Кокурин Д.И. Инновационный менеджмент: учеб.пособие / под ред. Л.Н.Оголевой. – М.: ИНФРА-М, 2013.*
6. *Мельников О.Н. Инновационная активность как фактор повышения конкурентоспособности предприятия [Текст] / О.Н.Мельников, В.Н.Шувалов // Рос. предпринимательство. – 2012. – №9(69). С.100-104.*

7. *Баранчеев В.П. Управление инновациями [Текст] / В.П.Баранчеев, Н.П.Масленникова, В.М.Мишин. - М.: ИД «Юрайт», 2011. – 232с.*
8. *Саванович С.В. Проблема повышения инновационной активности российских предприятий // Московский авиационный институт. Науч-практич. интернет-конференция «Социо-культурные факторы инновационного развития организации». 17 нояб.2009 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL.www.mai.ru/events/sfiro/articles/sec7/savanovich.doc. (дата обращения: 25.02.2016).*

***Reference Literature:***

1. *Tajikistan Republic Law "On Innovational Activity" from march 29, 2012, N296 [Electronic resource]. – Regime of availability: http Screen headline. – (Date of appeal: 20.02.2021).*
2. *Perechodov V. N. The Grounds of Management with Innovative Activity // V. N. Perechodov. – M.: INFRA-M, 2011. -294 pp.*
3. *Gavrilov S. Innovations: Profit and Risks // S. Gavrilov // Director of Informational Service. 2010, N1. – pp. 29-30*
4. *Basov A. I. Innovations as a Mainstream of Investitve Process // Finances and Credit. 2006, N5. – pp. 28-29*
5. *Dokurin D. I. Innovational Management. Manual / under the editorship of L. N. Ogoleva. – M.: INFRA-M, 2013*
6. *Melnikov O. N. Innovative Activity as a Factor of Elevation of Enterprise Competitiveness // O. N. Melnikov, V. N. Shuvalov // Russian Entrepreneurship. 2012, N9 (69). – pp. 100-104*
7. *Barancheyev V. P. Management with Innovations // V. P. Barancheyev, N. P. Maslennikova, V. M. Miskin. M.: "YURAYT" ID. 2011. – 232 pp.*
8. *Savanovich S. V. The Problem of Raising Innovative Activeness of Russian Enterprises // Moscow Institute of Aviation. Scientifico-Practical Internet-Conference "Socio-Cultural Factors of Innovational Development of Organization. 2009, November 17 [Electronic resource] Regime of availability: URL (Date of appeal: 25.02.2016)*